«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С. ________________
«_09_» _________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад унвонҷӯи кафедра, ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад соли 2011 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил гардида, соли 2016 онро аз рӯйи ихтисоси «идораи давлатӣ ва ҳуқуқ» хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ саннаи 10 декабри соли 2023, № 159 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Гадоев Бурҳонидин Саймудинович доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Рисолаи илмӣ дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон "Инкишоф ва тамоюли падидаҳои конститутсионализм, парламентаризм, соҳибихтиёрии давлатӣ, афзалияти хусусиятҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳияи мукаммали пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо, субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, қабул намудани қонунҳо мутобиқи техникаи қонунгузорӣ дар ба амалбарории фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои солҳои 2021-2025 омода гаштааст.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Бо касби соҳибихтиёрии давлатӣ ва гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон тағйироти сохторӣ дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд омад ва ба раванди ташаккулёбии муносибатҳои давлатӣ таъсири калон расонид.

Воқеан, интихобот дар замони муосир воситаи муҳимми тағйирёбӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, интихоботи мақомоти олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва сатҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин, омӯзиш ва баррасии илмии танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ вазифаи муҳимми илмӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки то имрӯз дар доираҳои илмии тоҷик таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ анҷом дода нашудааст.

Муҳаққиқ муҳиммияти таҳқиқоти мазкурро аз ислоҳоти қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолгардии ҳизбҳои сиёсӣ дар фазои сиёсии кишвар, пешниҳоди талабот ва муқаррароти нав доир ба вазъи ҳуқуқии интихобкунандагон, аъзоёни комиссияҳои интихоботӣ, умуман ташкил ва гузаронидани раванди интихоботӣ алоқаманд медонад.

Унвонҷӯ қайд намудааст, ки мубрамияти амалии мавзуъ ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди фаъолияти мақомоти давлатии соҳавӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, дарки воқеии падидаи интихобот ва раванди интихобот, ҳамчунин такмили қонунгузории интихоботии кишвар истифода бурд.

Диссертатсия дар заминаи методҳои умумиилмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, методҳои низомноки таҳлили воқеият мавриди таҳқиқ қарор додааст. Усулҳои зикршуда имконият фароҳам овარданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ба таври пурра ва воқеӣ омӯхта шуда, вазифаҳои дарпешгузошта ҳалли худро пайдо намоянд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссератсионӣ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур яке аз аввалин таҳқиқот дар доираи илми ҳуқуқи конститутсионӣ мебошад, ки ба масъалаи хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар доираи рисолаи илмӣ пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ ҷиҳати рушди падидаи раванди интихоботии кишвар таҳия гардидааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ табиати «интихобот» ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва мафҳум, моҳият ва мазмуни раванди интихоботӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Интихобот раванди мураккаб буда, дар сатҳи омма, яъне бо иштироки шаҳрвандон амалӣ

мегардад, ки дар заминаи он ироданн сиёсии тамоми шаҳрвандон рӯи кор омада, дорои таъиноти ичтимоии бисёрҳадафа мебошад. Раванди интихоботӣ бошад, ҳамчун амалҳои ташкилӣ ва сиёсиву ҳуқуқии субъектҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ташкилнамоӣ ва гузаронидани интихобот мебошад, ки дар шакли марҳилаҳои якдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба вуҷуд меояд. Асос ва заминаи падидаи раванди инихоботӣ дар маҷмуъ падидаи интихобот мебошад. Бо ҳамин мазмун, падидаи раванди интихобот хусусиятҳоеро ҳамчун «низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ» «хусусияти марҳилавӣ», «низоми меъёрҳои мурофиавии конститутсионӣ» ва «табиати маҷмуавӣ (комплексӣ)» дар худ таҷассум менамояд.

2. Дар рисолаи илмӣ усулҳои раванди интихоботӣ баррасӣ гардида, муайян гардидааст, усулҳои падидаи мазкур аз унсурҳои ҳуқуқи интихоботӣ маншаъ мегирад. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи кишвар имкон медиҳад, ки чунин усулҳои раванди интихоботӣ муайян карда шаванд: танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ; қонунияти амалҳои субъектҳои раванди интихоботӣ; ташкил, омодагӣ ва гузаронидани интихобот аз ҷониби мақомоти мустақили махсуси дастаҷамъӣ – комиссияҳои интихоботӣ; озод ва ошкорбаёнии амалҳо ва қарорҳои интихоботӣ; муттасилӣ, пешрафт ва марҳилавӣ будани раванди интихоботӣ; баробарии субъектҳои якхелаи раванди интихоботӣ; ба расмият даровардани натиҷаҳои ҷорӣ ва ниҳоии интихобот, тасдиқ намудани онҳо бо ҳуҷҷатҳо; имконияти шикоят кардани амал ва қарорҳои ҳар як иштирокчии раванди интихоботӣ бо тартиби судӣ ва маъмурӣ.

3. Марҳилаҳои раванди интихоботӣ аз ҷумлаи масъалаи муҳим дар иртибот бо таҳлил ва баррасии падидаи мурофиавӣ ба ҳисоб меравад. Раванди интихоботӣ ба мазмуни умумӣ се марҳилаи асосиро фаро мегирад: марҳилаи тайёрии раванди интихоботӣ; марҳилаи гузаронидани маъракаи интихоботӣ; марҳилаи хотимавӣ (ҷамъбастӣ). Дар барбари ин, ҳар як марҳилаи мазкур дар худ зермарҳилаҳоро дар

бар мегирад, ки давра ба давра ба созгор гардидани интихобот сурат мегиранд.

4. Субъектони раванди интихоботӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил гардида, дар ин замина муайян карда мешавад, ки ба сифати субъектҳо дар ин раванд шахси мушаххас, ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ ва умуман тамоми шаҳрвандон баромад мекунад. Онҳо амалҳои заруриро иҷро намуда, ба муносибатҳои мухталиф ворид мешавад, ки ин ҳолат амалишавии ҳуқуқҳои мушаххас ва масъулияти муайянро талаб менамояд. Яке аз субъектҳои асосии раванди интихоботӣ шаҳрвандон ба ҳисоб меравaнд, ки дар тамоми марҳилаҳои он фаъолона ширкат меварзанд. Ҳуқуқи иштирок дар интихобот (ҳуқуқ ба интихоб намудан ва ҳуқуқ ба интихоб шудан) ҳуқуқи истисноии онҳо ба шумор рафта, дар тамоми марҳилаҳои интихобот фаъолона ширкат меварзанд.

5. Комиссияҳои интихоботӣ дар раванди интихоботӣ ҳамчун субъекти асосӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба сифати иштирокчии махсус баромад мекунанд. Комиссияи интихоботӣ мақоми дастаҷамъӣ буда, ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил мебошад, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад. Дар қатори хусусиятҳои муҳимми фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ мустақилияти онҳоро аз мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар амалӣ намудани вазифа ва ваколат, табиати машваратии қарорҳои қабулшуда ва ҳатмӣ будани онҳо барои тамоми иштирокчиёни раванди интихоботӣ метавон қайд намуд.

6. Ҳизбҳои сиёсӣ низ ба сифати субъекти раванди интихоботӣ баромад мекунанд, ки асосан фаъолияти онҳо бо ширкат варзидан дар интихобот алоқаманд аст. Ҳизбҳои сиёсӣ яке аз ниҳодҳои сиёсие ба ҳисоб мераванд, ки пайдоиши онҳо бо таҳаввулоти демократияи либералӣ алоқаманд аст. Демократияи муосир ин демократияи ҳизбӣ аст: муқаррарот ва амалияи сиёсӣ, ки аз нуқтаи назари ғарбӣ моҳияти

идоракунии демократиро ташкил менамоянд, на танҳо бо ҳизбҳои сиёсӣ бунёд гардидааст, балки бе мавҷудият ва фаъолияти онҳо маънои томро касб карда наметавонад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳолати ҳамчун ташкилоти демократӣ ва озодандешӣ, ки дар усулҳои қабули қарор аз тарафи аксарияти аъзоён ва масъулияти дастаҷамъона асос ёфтааст, бартарии муайянро ба даст меоранд. Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ нишондиҳандаи воқеии раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократикунонии низоми сиёсӣ, рушди худидоранамоӣ ба ҳисоб меравад.

7. Таъсири воситаҳои ахбори умум ба амали ҳайати интихобкунандагон бештар дар раванди ташвиқоти пешазинтихоботӣ зоҳир мегардад. Қайд намудан зарур аст, ки номзад, намояндаи ҳизбҳои сиёсӣ наметавонанд, ки бевосита ба ҳар як интихобкунанда робитаҳоро ба роҳ монанд, аз ин хотир зарурат пайдо мешавад, ки интихобкунанда ба намуна ва қоидаҳое, ки тариқи воситаҳои ахбори умум паҳн карда мешавад, истифода барад. Таҳлили қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ташвиқоти пешазинтихоботӣ, нақш ва мақоми воситаҳои ахбори умум ба таври лозима муқаррар карда шудааст. Албатта, чунин ҳолат озод, шаффоф ва демократӣ будани раванди интихоботиро тавсеа медиҳад.

**Бо мақсади такмили қонунгузории интихоботии ҶТ чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегардад:**

8. Бо мақсади мустаҳкам намудани мафҳуми «интихобот» дар қонунгузории интихоботии ҶТ чунин мафҳуми муаллифии он пешниҳод карда мешавад: интихобот – воситаи муҳимтарини ташаккул додани мақомоти намояндагӣ ва мансаби интихоботӣ мебошад, ки тавассути иштироки шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳӣ сурат мегирад.

9. Бо дарназардошти он ки дар қонунгузорӣ мафҳуми раванди интихоботӣ муқаррар нагардидааст, мафҳуми он дар қонунгузории кишвар бояд мустаҳкам карда шавад, то фаҳмиши расмиву дуруст ва тафовути он ба дигар падида ва масъалаҳои интихоботӣ мусоидат

намояд. Раванди интихоботӣ ин фаъолият ва амалӣ мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, комиссияҳои интихоботӣ ва дигар шахсон мебошад, ки бо риояи расмиётҳои дахлдор бо мақсади ташкил ва баргузор намудани интихоботи мақоми интихоботӣ равона мегардад.

10. Бо мақсади танзими самаранок, бартараф намудани мушкилиҳо ва муаммоҳо дар соҳаи интихобот, махсусан раванди интихоботӣ зарур мешуморем, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои интихоботӣ кодификатсия карда шуда, шакли санади ягонаи мураттабгардида, яъне Кодекси интихоботии ҶТ, таҳия карда шавад.

11. Бо мақсади боз ҳам мушаххас намудани талаботи шаҳрвандӣ нисбат ба ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон пешниҳод менамоем, ки дар сархати панҷуми моддаи 33 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» «пешбарии шаҳрвандони дорои душаҳрвандӣ» ҳамчун асоси маҳдудият ба номзадӣ ба вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ муқаррар карда шавад.

12. Бо мақсади ташкили воқеӣ ва самараноки баргузории интихобот, зарур мешуморем, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» муқаррарот вобаста ба зиндагии доимии шахси муайян дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии дахлдор, ки номзадии худро дар он пешбарӣ намудааст ва муайян намудани муҳлати дахлдори зиндагӣ дар ҳудуди мазкур пешбинӣ карда шавад.

13. Бо мақсади мустаҳкам намудани вазъи ҳуқуқии КМИР дар самти таъсиси комиссияҳои интихоботӣ пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳури Тоҷикистон» чунин ваколат ба мақоми мазкур илова карда шавад: «бо мақсади татбиқи муқаррароти конститутсионӣ бо тартиби

муқаррарнамудаи қонунгузорӣ комиссияҳои интихобот ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ ташкил намуда, барои таъмини фаъолияти онҳо тамоми чораҳои дахлдорро андешад».

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад.

Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонҳои тоҷикӣ, интишор гардидааст:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Саидов С.А. Мафҳуми мурофиаи интихоботӣ/С.А. Саидов//Қонунгузорӣ. - 2019. № 3 (35). С. 24 - 26.

**[2-М].** Абдулаҳадзода С.А. Таъини интихобот ҳамчун давраи аввали мурофиаи интихоботӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он/С.А. Абдулаҳадзода//Қонунгузорӣ. - 2021. № 2 (42). С. 20 - 23.

**[3-М].** Абдулаҳадзода С.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон/С.А. Абдулаҳадзода, У.А. Муродзода//Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ) Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. - 2020/№6 С. 266 - 270.

**[4-М].** Абдулаҳадзода С.А. Свободные выборы - ключевой элемент демократии/ С.А. Абдулаҳадзода, У.А. Муродзода//Ҳаёти ҳуқуқӣ. - 2020. №4. С. 93 - 97.

**[5-М].** Абдулаҳадзода С.А. Масоили назариявии ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мазмун ва моҳияти он/ С.А. Абдулаҳадзода, Б.С. Гадоев// Паёми донишгоҳи миллии

Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ), Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. - 2023. №5. С. 248 - 254.

**[6-М].** Абдулаҳадзода С.А. Таркиб, хусусият ва марҳилаҳои мурофиаи интихоботӣ/ С.А. Абдулаҳадзода, Б.С. Гадоев//Ҳаёти ҳуқуқӣ. - 2023. №1 (41). С. 57 - 67.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Саидов С.А. Хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /С.А. Саидов //Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - 2018. № 2 (10). С. 58 - 61.

**[8-М].** Абдулаҳадзода С.А. Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун шакли фаъолияти ҳуқуқӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он/С.А. Абдулаҳадзода С.А.//Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства Душанбе, 5-уми ноябри соли 2022. С. 8 - 17.

**[9-М].** Абдулаҳадзода С.А. Мурофиаи интихоботӣ ҳамчун намуди мурофиаи ҳуқуқӣ/С.А. Абдулаҳадзода//Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова Часть II. Гуманитарные науки (право, экономика). Душанбе, 28-29-уми апрели соли 2023. С. 3 - 6.

**[10-М].** Абдулаҳадзода С.А. Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии мурофиаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/С.А. Абдулаҳадзода//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир». Душанбе, 1-уми ноябри соли 2023. С. 150 - 156.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё мконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсияро (хулоса, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда) метавон дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масъалаҳои гуногуни

илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи интихоботӣ, курси махсуси ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихоботӣ истифода намуд. Бо дарназардошти масоили алоҳидаи таҳқиқот дар раванди таълим омузиши фанҳои "Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ", "Ҳуқуқи парлумонии ҶТ", курсҳои махсуси "Низоми намояндагӣ", "Низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" метавон онро истифода бурд.

Ҳамаи мақолаҳои муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт гардидаанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсия таҳқиқоти мантиқан анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ истифода шудаанд, аз сифати мусбии диссертатсия шаҳодат медиҳанд ва онҳо минбаъд метавонанд, дар тадқиқотҳои алоҳида вобаста ба ин масъала ва проблеммаҳои мукаммалсозии қонунгузории интихоботӣ дар самти раванди интихоботӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди илми ҳуқуқи конститусионӣ ва интихоботӣ ва дигар илмҳои ба мавзӯи мазкур алоқаманд мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи тадқиқот нақши муҳимро мебозад. Инчунин, хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммиятӣ муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд истифода шаванд. Рисолаи мазкур ба талаботи манзурнамудаи банди 31, 33-35, 37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

2. Диссертатсияи Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.02 – Ҳуқуқи

конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шуд. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратмаҷлиси №7 аз 7-уми марти соли 2024.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ
ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С.

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони кафедраи
ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Неъматова М.А.

Имзои Сулаймонзода М.С. ва
Неъматова М.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«07» марти 2024 с.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон.: (+992) 907967476; 221-62-25; 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email: info@tnu.tj